# ТАҚРИЗ

**ба фишурдаи рисолаи номзадии Муродов Ҷӯрабек Қурбоналиевич тахти унвони “Таҳлили фаъолияти илмӣ-адабии Меҳдӣ Ахавони Солис” барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филология, аз рӯйи ихтисоси 10.01.03. – Адабиёти мамолики хориҷӣ (адабиёти форсӣ)**

Шоири машҳури адабиёти муосири Эрон Меҳдӣ Ахавони Солис намояндаи мактаби бузурги Нимо Юшиҷ буда, дар парвриши шоирону адибони боистеъдоду нававар, рушду камоли шеъри нав саҳми бориз дорад. Аз ин ҷо, рисолаи мазкур ба таҳқиқу омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти шоири нававар ва намояндаи мактаби Нимо, яке аз чеҳраҳои маъруфи адабиёти муосири Эрон Меҳдӣ Ахавони Солис бахшида шудааст. Бояд қайд намуд, ки дарвоқеъ, таҳқиқи мӯйшикофонаи афкори илмӣ-назарии ин шоири номвар дар адабиётшиносии муосири тоҷик аввалин бор мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифта истодааст.

Рисола аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Соҳиби рисола дар муқаддима роҷеъ ба заруурату аҳамият ва дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ изҳори андеша карда, ҳадафи аслии таҳқиқоти хешро дар қолаби талаботи зарурӣ ва усулҳои илмӣ саҳеҳ арзёбӣ кардааст.

Боби аввали рисола, ки «Зиндагӣ ва осори Меҳдӣ Ахавони Солис» унвон дорад, фарогири чаҳор зерфасл буда, муҳаққиқ дар он масири зиндагии шоир, ташаккули эҷодии вай ва дар атрофи саҳифаҳои номаълуми фаъолияти ӯ ихтилофоти мавҷударо мавриди таҳқиқ карор додааст. Масоили муҳимми мавзӯъ, ба монанди муайнкунии марҳилаҳои зиндагии шоир ва даврабандии он, андеша ва назари мунаққидон роҷеъ ба ҳунари шоирӣ ва вижагиҳои идеявӣ, мавзӯӣ ва бадеии ашъори ӯ ва зинаҳои вуруди Меҳдӣ Ахавони Солис ба майдони шеъру адабиёти форсӣ

ва арзёбии дидгоҳҳои мунақидон ва адабиётшиносон перомуни мақоми шоир аз муҳимтарин бандҳои пажӯҳишии бахши аввали рисола мебошад.

Боби дувуми рисола таҳти унвони «Баррасии андешаҳои илмӣ-назарии Меҳди Ахавони Солис» дар меҳвари панҷ зерфасл таълиф шуда, дар он, беш аз ҳама, мероси илмӣ-назариявии шоир мавриди таҳлилу арзёбии қарор гирифтааст.

Ҷойи таъкид аст, ки бори асосии мавзӯи таҳқикро маводи илмии ҳамин боб бар худ гирифтааст, зеро муаллиф дар ин бахш ба таҳқиқи ҳамаҷониба ва амиқи эҷодиёти шоир ҳиммат баста, масъала омилҳои ҳимоят ва таваҷҷуҳи беандозаи ӯ ба сабки Нимо Юшидро мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Инчунин диссертант дар чаҳорчӯби он нахуст мақолоти шоирро, ки дар маҷаллоти асраш мунташир гашта буд, таҳлил намуда, сипас рисолаҳои алоҳидаи ӯро аз қабили «Бидъатҳо ва бадоеъи Нимо Юшиҷ» (بدعتها و بدایع نیما یوشیج) , «Ато ва ликои Нимои Юшиҷ» (عطا و لقای نیما یوشیج ), «Нақиза ва нақизасозон» (نقیضه و نقیضه سازان) -ро мавриди таҳлил ва таҳқиқи илмӣ қарор додааст. Маҳз ба хотири мудаллал гардидани хулосаҳояш муаллиф зерфасли сеюми боби мазкурро «Меҳдӣ Ахавони Солис ва жанрҳои номашҳури шеъри форсӣ» номгузорӣ намуда, ба таҳлилу баррасии ин китоб ва муайянсозии вижагиҳои истифода аз жанри нақиза дар адабиёти классики форсӣ-тоҷикӣ ва адабиёти муосири Эрон қадам гузоштааст.

Маълум аст, ки накди шеъри муосири Эрон кори басо доманадору вазнин мебошад. Аз муҳассаноти дигари кори муаллиф дар он аст, ки масъалаи накди шеъри муосири Эрон аз нигоҳи Меҳди Ахавони Солис аз мавзӯоти ҷолиби рисола буда, дар он ба таври комил ба таҳлили дидгоҳҳои интиқодии М.А.Солис ихтисос ёфтааст.

Ҳамзамон аҳамияти дигари кори муаллиф дар он ба назар мерасад, ки дар ҷамъоварӣ намудани қисми зиёди адабиёт барои муррифӣ ва

шинохти фаъолияти илмӣ-адабии Меҳдӣ Ахавони Солис кори заҳмат-талабро ба анҷом расонидааст.

Дар маҷмӯъ, рисола бо сабку услуби илмӣ, санадҳои мудаллал ва хулосаҳои қонеъкунанда таълиф шуда, бо вуҷуди баъзе хатогиҳои имлоиву техникӣ, кори анҷомёфта ба шумор меравад. Фишурдаи рисолаи Муродов Ҷӯрабек Курбоналиевич дар мавзӯи “Таҳлили фаъолияти илмӣ-адабии Меҳдӣ Ахавони Солис” дар ихтсоси 10.01.03–Адабиёти мамолики хориҷӣ (адабиёти форсӣ) ба талаботи фишурдаи рисола барои дарёфти номзади илмҳои филология ҷавобгӯ буда, муаллиф ба номзади илмҳои филологяи арзанда аст.

Доктори илмҳои филология, профессор,
мудири Шуъбаи табъу нашри
раёсати илм ва инноватсияи
МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” Ҳамробоев Н.А.